**Тақризи**

роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Нодирзода Сайзароб Сайали дар мавзуи «Таҳаввул ва рушди равандҳои библиографияи тоҷик дар замони Шуравӣ (1960-1990): дастовардҳо ва мушкилот» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D091000–Кори китобдорӣ (6D091001 – Китобхонашиносӣ, библиографияшиносӣ ва китобшиносӣ)

Таҳқиқи масоили библиографияи тоҷик дар заминаи осори илмии муҳаққиқони ватанӣ барои муайяну мушаххас намудани роҳҳои воқеии ҳалли проблемаҳои мавҷуда дар ин самт шароит фароҳам меорад. Таҳлили вазъи омӯзиши масъалаи мавриди назар собит менамояд, ки то кунун барои таҳқиқу баррасии амиқу ҳамаҷонибаи таҳаввул ва рушди равандҳои библиографияи тоҷик дар замони шуравӣ таҳқиқоти умдае ба анҷом расонида нашудааст. Танҳо доир ба зиндагинома ва фаъолияти илмию таҳқиқотии чанде аз библиографони тоҷик китобномаҳои шарҳиҳолӣ таҳия шудаанд, ки дар онҳо оид ба дастовардҳои илмии мутахассисони соҳа маълумоти мушаххас пешниҳод шудааст. Аз ин рӯ, дар самти омӯзишу таҳлили назариявии библиография ва библиографишиносии тоҷик, бахусус равандҳои ташаккулу рушди он дар замони Шуравӣ то ҳанӯз саҳифаҳои номакшуфи зиёде мавҷуд аст.

Аз ҷониби муҳаққиқони тоҷик дар замони шуравӣ масъалаҳои гуногуни библиографияи тоҷик, аз қабили ташкили феҳристу картотекаҳо дар китобхонаҳои ҷумҳурӣ, библиографиянамоии матбуоти чопии миллӣ, бахусус китобноманигории осори қаламӣ, роҳандозии хадамоти библиографӣ дар байни гурӯҳҳои гуногуни хонандагон, монеаҳои мавҷуда ва роҳҳои ҳалли раванди ташкили дастгоҳи маълумотию библиографӣ дар китобхонаҳои шаҳру деҳоти мамлакат, ҳамгироии назария ва амалияи библиография, тамоюл ва ҷараёнҳои рушди намудҳои гуногуни библиографияи миллӣ ва дигар масоили марбут ба самтҳои афзалиятноки рушди библиографияи тоҷик борҳо мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд.

Бо ибтикори олимони тоҷик дар даврони соҳибистиқлолии кишвар низ дар ин соҳаи илм, ки аз таълимоти мактаби библиографияшиносии шуравӣ баҳра бурдааст, як қатор корҳои илмию таҳқиқотӣ иҷро шудаанд, ки онҳо дар навбати худ ба рушди соҳа таъсири мусбат расонидаанд. Аксари рисола ва осори муҳаққиқони тоҷик дар шакли чопӣ (китобу рисолаҳо, монографияҳо, мақолаҳои илмӣ, китобҳои дарсӣ, барномаҳои таълимӣ) манзури мутахассисони соҳа гардидаанд. Дастовардҳои мазкур барои омӯзишу барррасии илмии афкору андешаҳои муҳаққиқони тоҷик ва саҳми онҳо дар рушди библиографияшиносии тоҷик имконияти васеъро фароҳам меорад.

Аз ҷониби дигар, муайян намудани ҷараёни таҳаввул ва рушди равандҳои библиографияи тоҷик дар замони Шуравӣ ва самтҳои

афзалиятноки инкишофи библиографияшиносии тоҷик тавассути таҳлилу натиҷагирӣ аз дастовардҳои илмию назарии олимони тоҷик барои таҳияи пешниҳодҳои илман асоснок ҷиҳати рушди минбаъдаи соҳа заминаи мусоиди назариявию методологиро фароҳам меорад.

Чунин вазъият муҳиммияти таҳқиқоти диссертатсионии Нодирзода Сайзароб Сайалиро дар мавзуи «Таҳаввул ва рушди равандҳои библиографияи тоҷик дар замони Шуравӣ (1960-1990): дастовардҳо ва мушкилот» собит менамояд.

Нодирзода Сайзароб Сайали хатмкардаи факултети китобдорӣ ва иттилоотшиносии МДТ "Донишкадаи давлатии санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода" (соли 2015) буда, фаъолияти меҳнатиашро дар факултети мазкур аз соли 2015 ба сифати ассистенти кафедраи китобхонашиносӣ ва бойгонишиносӣ оғоз намуда, сипас моҳи апрели соли 2016 фаъолияти меҳнатиро дар МД "Китобхонаи миллӣ"-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳайси мутахассис, мутахассиси пешбари шуъбаи нигоҳдории депозитарӣ (2016-2018), мутахассиси пешбари Медиатекаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (2019), директори Китобхонаи илмии МДТ "ДДФСТ ба номи Мирзо Турсунзода" (2020) идома додааст. Нодирзода Сайзароб Сайали аз моҳи августи соли 2020 то имрӯз дар вазифаи директори МД "Агентии миллии Созмони байналмилалии рақамгузории стандарти китоб – Хонаи китоби Тоҷикистон" кор мекунад.

Нодирзода Сайзароб яке аз мутахассисони варзидаи соҳаи китобдории ҷумҳурӣ ба ҳисоб рафта, муаллиф ва мураттиби беш аз 80-номгӯйи асару мақолаҳои илмӣ ва илмию методӣ, аз ҷумла ду дастури таълимӣ-методӣ - «Омӯзиши Таснифоти даҳгонаи универсалӣ», «Ҷадвали муаллифӣ (дурақама)», ду дастури библиографӣ - «Библиографияи библиографияи Тоҷикистон: нишондиҳандаи библиографии солҳои 1960-1990», «Библиографияи матбуоти даврии тоҷик» ва чаҳор нашри маҷмуи мақолаҳо - «Библиографияшиносӣ ва китобшиносӣ дар Тоҷикистон» мебошад. Саҳми ӯ дар таҳия ва татбиқи мавзуи фармоишии илмӣ-таҳқиқотии «Таҳқиқи илмии бойгонии «Палатаи китоби Тоҷикистон», созмондиҳии репертуари мукаммали китоби миллӣ, феҳрасти электронии «Китоби Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Матбуоти даврии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои солҳои 2017-2021» бо рақами қайди давлатии 0118TJ00941 назаррас аст.

Соли 2022 Нодирзода Сайзароб дар озмуни ҷумҳуриявии «Китобдор, китобхона ва китобхонаи шахсии сол» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок карда, соҳиби "Шоҳҷоиза"-и он гардид. Барои

дастовардҳои илмиву фарҳанӣ бо нишони «Аълочии фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон» (2022) қадрдонӣ шудааст.

Диссертант Нодирзода Сайзароб Сайали дар давоми солҳои 2018-2024 дар заминаи ҷустуҷӯ, омӯзиш ва таҳлили сарчашмаҳои илмии ватанию хориҷӣ, таҳқиқи дастурҳои библиографии солҳои 1960-1990, ва таҷрибаи таърихии марказҳои библиографию китобхонаҳои Тоҷикистон дар замони шуравӣ дастовардҳо ва мушкилоти библиографияи тоҷикро дар давоми солҳои 1960-1990 ошкор намуда, бо истифода аз натиҷаи таҳқиқот, равандҳои назария ва амалияи библиографияи тоҷикро дар самти библиографинамоӣ омӯхта, мақсаду вазифаҳо, объекту предмет, навгонии таҳқиқот, ҳамзамон нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшавандаро муайяну мушахасс намудааст.

Диссертант бахри таъмини бонизомӣ бобу зербобҳои диссертатсияро аз ҷиҳати илмӣ мантиқан дуруст ҷо ба ҷо кардааст, ки ин бори дигар аз дарки амиқи илмии мавзуи мазкур, ҷараёни муназзами ибрози андешаву далелҳои муаллиф, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот ва тавсияҳо бахри татбиқи онҳо шаҳодат медиҳад.

Натиҷаҳои муҳимтарин ва нуктаҳои асосии таҳқиқот солҳои 2018-2024 дар конференсияҳои гуногуни илмию назариявӣ ва илмию амалии байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ, донишкадавӣ, семинарҳо ва мизҳои мудаввар баррасӣ ва тасвиб гардида, дар ҷараёни фаъолияти амалии марказҳои библиографӣ ва китобхонаҳои кишвар ва таълими фанни «Таърихи библиографияи тоҷик» дар МДТ «ДДФСТ ба номи М. Турсунзода», ки аз ҷониби муаллиф пешниҳод шудааст, мавриди истифода қарор гирифтаанд.

Натиҷаҳои назариявӣ ва амалии таҳқиқот, инчунин дар 24 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор ёфтаанд.

Нодирзода Сайзароб Сайали дар ҷараёни пажуҳиши мавзуи таҳқиқотӣ худро ҳамчун муҳаққиқи масъулиятшиносу ҷӯянда, серталаб, дорои ҷаҳонбинии илмӣ, маҳорату малакаҳои эҷодиву пажуҳишӣ муаррифӣ карда, таҳқиқоти диссертатсионии мазкурро мустақилона ва бо натиҷаҳои назаррас ба анҷом расонидааст. Дар маҷмӯъ, метавон зикр кард, ки диссертант бо донишу малака ва ибтикороти хеш дар оянда қодир аст барои рушду такомули соҳаи китобдории тоҷик хизмати арзанда намояд.

Хулоса, таҳқиқоти диссертатсионии Нодирзода Сайзароб Сайали дар мавзуи «Таҳаввул ва рушди равандҳои библиографияи тоҷик дар замони Шуравӣ (1960-1990): дастовардҳо ва мушкилот» барои дарёфти

дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D091000 – Кори китобдорӣ (6D091001 – Китобхонашиносӣ, библиографияшиносӣ ва китобшиносӣ) кори илмӣ-таҳқиқотии мустақилона иҷрошуда ва бaанҷомрасида буда, барои ҳимоя тавсия дода мешавад.

**Роҳбари илмӣ:**
номзади илмҳои педагогӣ,
дотсенти кафедраи китобхонашиносӣ
ва библиографишиносии МДТ «ДДФСТ ба
номи Мирзо Турсунзода» Шосаидзода С.

*Имзои дотсент С. Шосаидзодаро*
*тасдиқ мекунам:*

Сардори шуъбаи кадрҳо
ва корҳои махсуси МДТ «ДДФСТ ба номи
Мирзо Турсунзода» Ҳомидова Заррина Ҳабибовна

08.05.2025

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ

Суроға: ДДФСТ ба номи М.
Турсунзода, 734032, ш. Душанбе,
кӯчаи Борбад, 73а,
тел.: (992) 92 925 27 27
E-mail: shosaidov57@mail.ru